*Замима ба фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*№ 885 аз «21» 10 соли 2015*

# ОИННОМАИ

## Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ»

ДУШАНБЕ – 2015

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ» (минбаъд Марказ) бори аввал бо қарори мушовараи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 марта соли 1999 таҳти №9-4 таъсис ёфта, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014 таҳти №148 номи Марказ тағйир ёфта, Марказ ба Номгӯи муассисаҳо ва ташкилотҳои системаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил гардидааст.

2. Муассиси Марказ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Вазорат) мақоми ваколатдори муассис мебошад.

3. Марказ аз лаҳзаи бакайдгирии давлатӣ ташкилшуда баҳисоб меравад.

4. Марказ дар фаъолияти худ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи саломатии ахолӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тибби оилавӣ», дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва Оинномаи мазкурро ба рохбарӣ мегирад.

5. Марказ дорои тавозуни мустақил, суратҳисоб дар бонкҳо, мухри мудаввар бо дарҷи Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номи расмии худ, варақаҳои унвонӣ ва дигар реквизитҳо мебошад.

6. Номи расмии Марказ:
- бо забони давлатӣ: Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ»;
- бо забони русӣ: Государственое Учреждение «Республикансий учебно-клинический центр семейной медицины»;
- номи ихтисоршудаи Марказ бо забони давлатӣ: «МДМҶТКТО»;
- номи ихтисоршудаи Марказ бо забони русӣ: «ГУРУКЦСМ».

7. Суроғаи ҳуқуқии Марказ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шахри Душанбе, кӯчаи ба номи Нарзикулов, №8.

## 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МАРКАЗ

8. Марказ шахси ҳуқуқии мустақил буда, шакли ташкилию ҳуқуқии он бо моддаи 132 Кодекси гражданин Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

9. Мувофиқи Оинномаи мазкур Марказ ҳуқуқ дорад, ки ба фаъолияти даромаднок машғул шавад. Даромади аз чунин фаъолият ба дастомада, инчунин амволи аз чунин даромадҳо харидашуда ба ихтиёри Марказ мегузаранд.

10. Марказ ҳуқуқ дорад қарзҳои бонкиро истифода барад, иштирокчии муносибатҳои гражданӣ бошад, аз ҷумла дар мурофиаи судӣ ба сифати даъвогар ва ҷавобгар баромад намояд.

11. Марказ дорои дигар намуд ҳуқуқҳо мебошад, ки бо қонунгузории амалкунанда барои чунин муассисаҳо муқаррар шудаанд.

12. Марказ аз рӯи ӯҳдадориҳояш бо маблағи пулие, ки дар тавозуни мустақили худ дорад, ҷавобгар мебошад. Вазорат аз рӯи ӯҳдадории Марказ, ба истиснои мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъулият надорад.

13. Иҷрои стандартҳо, муқаррарот, меъёру нормативҳое, ки Вазорат (Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон) дар соҳаи тандурустӣ бо тартиби муқарраргардида таҳия ва тасдиқ намудааст, барои Марказ ҳатмӣ мебошад.

14. Марказ дар мувофиқа бо Вазорат метавонад ба ҳайати ҷамъиятҳои хоҷагидор, иттифоқҳо, ассосиатсияҳо дохил шавад ва аз ҳайати онҳо барояд. Мутахассисони Марказ метавонанд узви Ассосиатсияҳои тиббии касбие шаванд, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, амал мекунанд ва ба ҳйати роҳбарикунандаи онҳо дохил гарданд.

15. Марказ метавонад барои иҷро кардани фаъолияти оинномавӣ мутахассисони ҷудогона, аз он ҷумла хориҷиёнро бо тартиби муқаррар кардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб намояд.

## 3. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ МАРКАЗ

16. Марказ бо мақсади дар системаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудан ва ҳамоҳанг сохтани рушди тибби оилавӣ, тайёр намудани табибон ва кормандони миёнаи тибби оилавӣ инчунин такмили ихтисоси кормандони тиббии муассисаҳои тандурустӣ таъсис дода шудааст.

17.Вазифаҳои муҳимтарин Марказ иборат аст аз:

-вобаста ба салоҳияти худ ба чорабиниҳои оид ба ҷорӣ намудан ва тараққӣ додани тибби оилавӣ дар системаи тандурустии кишвар, роҳбарӣ ва ҳамоҳанг сохтани онҳо;

-омӯхтан ва дида баромадани пешниҳодҳо оид ба барпо намудани марказҳои таълимию клиникии минтақавии тибби оилавӣ (вилоятӣ, байниноҳиявӣ);

-ҳамоҳанг сохтан ва назорати фаъолияти марказҳои таълимию клиникии минтақавии тибби оилавӣ ва расонидани кӯмаки ташкилию дастурӣ;

-таҳияи меъёрҳое, ки сифати кори табибони оилавӣ ва кормандони тибби оилавиро муайян менамоянд;

-иштирок дар кор карда баромадан ва гузаронидани мониторинги фаъолияти мутахассисони сохаи тибби оилавӣ;

-расонидани ёрии машваратию парасторӣ аз рӯи ихтисоси тибби оилавӣ дар шаҳру ноҳияҳо;
-иштирокдаркоркардиҳуҷҷатҳоизаруриимеъёрӣазрӯитиббиоилавӣ; -омӯхтанвамуайянкарданиэҳтиёҷотитандурустӣбатабибониоилавӣвакормандонимиёнаитиббиоилавӣ,
таҳияинақшаибозомӯзӣватайёркарданитабибони оилавӣ ва кормандони миёнаи тибби оилавӣ бо таваҷҷӯҳ ба шаҳрҳо, ноҳияҳо ва муассисаҳое, ки барояшон маблағи махсус ҷудо карда шудааст;
-кор карда баромадани пешниҳодҳо оид ба васеъ намудани манбаи клиникии бозомӯзӣ ва тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи тибби оилавӣ;
-тайёр кардан ва аз нав тайёркунии кормандони соҳаи тибб аз рӯи ихтисоси тибби оилавӣ ба дараҷаи тодипломӣ ва баъдидипломӣ, тайёр кардани табибон ва ҳамшираҳои тиббии касбомӯз дар соҳаи тибби оилавӣ мувофиқи барномаҳои таълимие, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудаанд;
-додани ҳуҷҷати тасдиққунанда (диплом, шаҳодатнома ва сертификат) ба мутахассисони тибби оилавӣ, яъне табиби оилавӣ ва ҳамшираи тибби оилавӣ, ки аз рӯи ихтиссоси тибби оилавӣ бозомӯзонида шудаанд ва ё аз даври таълимии такмили ихтиссос гузаштаанд;
- расонидани маҷмӯи хизматрасониҳои музднокии тиббӣ ва таълимӣ;
-иштирок дар аттетатсия ва аз нав аттестатсиякунонии табибони оилавӣ ваҳамшираҳои тибби оилавӣ, сертификатсиякунонӣ ва литсензиякунонии фаолияти онҳо;
- иштирок дар ҷараёни таҳсил ва фаъолияти педагогии оид ба тайёр кардан ва такмили ихтисоси табибони оилавӣ ва ҳамшираҳои тибби оилавӣ:
- тайёр кардан ва гузаронидани давраҳои таҳсил аз рӯи манбаъҳои тибби оилавӣ;
- ҳамкорӣ бо кафедрахои тибби оилавии муассисаҳои таълимии соҳаи тандурустӣ;
-Марказ аз рӯи сифати ҷараёни таълим дар Марказҳои вилоятӣ ва байниноҳиявӣ давра ба давра назорат бурда дар ҷорӣ намудани технологияҳои нави омӯзгорӣ, дар тайёр намудани мутахассисони тибби оилавӣ мусоидат менамояд ва дар зинаҳои ҷамъбастии ҷараёни таълимии донишҷӯён иштирок менамояд;
- ҳайати олимон ва омӯзгорони Марказ дар гузаронидани лексия ва дарсҳои семинарӣ аз рӯи ихтисосҳои алоҳида бо сафари хизматӣ дар маҳалҳо иштирок менамоянд;
- дар соҳаи тибби оилавӣ бо қувваи коллективи худ дар ҳамкорӣ бо дигар коллективҳои илмӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ ба амал баровардани тадқиқотҳои илмӣ;

- бо тартиби муқарраршуда тайёр кардан, гузаронидани коференсияҳо ва анҷуманҳо оид ба масъалаҳои тибби оилавӣ;
- дар якҷоягӣ бо кормандони марказҳои вилоятӣ ва байниноҳиявӣ таҳия намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ;
- дар гузаронидани конференсияҳо ва семинарҳо аз рӯи масъалаҳои ҳалталаби актуалии тибби оилавӣ бо марказҳои вилоятӣ ва байниноҳиявӣ ҳамкорӣ намудан;
- расонидани кӯмак оид ба мустахкам намудани саломатӣ, пешгирӣ, ташхис ва муолиҷаи беморон дар байни оилаҳо ва аҳолии хизматрасонидашаванда;
- омӯхтани аҳолӣ барои расонидани кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ; - ташкил ва расонидани кӯмаки таъҷилии тиббӣ;
- ба амал баровардани кори якҷоя бо табибон, мутахассисони соҳаи дахлдор оид ба муолиҷа ва назорати бемор дар шароити беморхона ва берун аз он;
- бурдани ташвиқотҳо оид ба тибби оилавӣ дар байни аҳолӣ ба воситаҳои ахбори умум;
- саривақт пайдо намудан, ташхиси тиббӣ гузаронидан, табобат ва ба беморхона интиқол додани бемор;
- бо қувваи мутахассисони тибби оилавӣ ба шахсони аз маҳалли бемори равонкардашуда таъмини маслиҳатдиҳӣ;
- дар ҷорӣ намудани усули хозиразамони ташхис, табобат ва тадбирҳои пешгирӣ аз бемориҳо дар соҳаи тибби оилавӣ бо марказҳои вилоятӣ ва байниноҳиявӣ ҳамкорӣ намудан.

## 4. МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ МАРКАЗ

18. Мақоми олии идоракунии Марказ Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

19. Марказ фаъолияти худро бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси созишномаи дутарафа амалӣ менамояд. Шартҳои созишномаи дутарафаро Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

20. Муассис ҳуқуқ дорад:
- Оинномаи Марказро тасдиқ намояд, ба он тағйироту иловаҳо ворид намояд;
- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон директори Марказро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намояд;
- бо пешниҳоди директори Марказ муовинони директор, сармуҳосиби Марказро ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намояд;
- самтҳои асосии фаъолияти Марказро муайян намояд;
- дар идоракунии корҳои Марказ иштирок намояд;
- тавозуни Марказро тасдиқ намояд ва ҳисоботи онро қабул намояд;

- комиссияи тафтишотӣ (аудит)-ро таъин намояд;
- фаъолияти Марказро назорат намояд;
- фаъолияти Марказро тафтиш ва баррасӣ намояд;
-маълумотҳои зарурӣ ва ҳисоботро оиди фаъолияти Марказ талаб намояд;
-ҷиҳати азнавташкилдиҳӣ ва барҳам додани Марказ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодот манзур намояд;
-дар холати барҳам дода шудани Марказ, баъди ҳисобӣ намудан бо қарзхоҳон, амволи ба вай тааллуқдошта ё қиммати онро бигирад;

21.Идоракунии Марказ аз тарафи маъмурият амалӣ мегардад, ки ба он директор роҳбарӣ менамояд, ки мақоми иҷрокунанда мебошад.

22. Ба вазифаи директори Марказ шахси дорои маълумоти олии тиббӣтаъин карда мешавад.

23.Директор шахсан барои фаъолияти Марказ ҷавобгар буда, дар назди Муассис ҳисобот медиҳад.

24. Директор ба кори таҳияи лоиҳаҳои нақшавии (ҷорӣ ва дурнамо) корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, нақшавии тайёр кардани кадрҳои илмӣ, маблағтаъминкунӣ, таъминоти моддӣ-техникӣ, нашри асарҳо ва маводи маҷлисҳои машваратӣ ва конференсияҳо роҳбарӣ мекунад ва онҳоро барои бо тартиби муқарраршуда тасдиқ кардан пешниҳод менамояд.

25. Директор барои пурраву беосеб будани молу мулки Марказ, барои риоя карда шудани интизоми меҳнатӣ, молиявӣ ва шартномавӣ ва барои масрафи маблағҳо мувофиқи таъиноташон ҷавобгар мебошад.

26.Директор мувофиқи зарурати истеҳсолотӣ мутахассисони баландихтисосро бо пардохти музди меҳнат дар асоси қарордод ба кор ҷалб менамояд.

27. Директор барои баланд бардоштани дараҷаи ихтисоси кормандони Марказ роҳбарӣ менамояд.

28. Директор фаъолияти воҳидҳои сохтории ба ӯ тобеъро ҳамоҳанг месозад, дар фаъолияти онҳо истифода шудани комёбиҳои илму техникаи ватанӣ ва хориҷӣ, маводи патент ва илмию иттилоотӣ, техникаи ҳисоббарорӣ ва ташкилотӣ, тарзу усулҳои пешқадами иҷрои корҳоро таъмин мекунад.

29. Директор ҳуқуқ дорад масъалаҳои зеринро мустақилона ҳал намояд:
- аз номи Марказ бе ваколатнома амал намояд, дар муносибат бо дигар ташкилотҳо Марказро намояндагӣ кунад;
- бо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли моликияташон, созишномаҳо бандад;
- кормандони Марказро, ба истиснои муовинони директор ва сармуҳосиби Марказ, ба кор қабул ва аз кор озод кунад, ҳавасманд намояд ва мувофиқи қонунгузории амалкунандаи меҳнат муҷозоти

интизомӣ таъин намояд;
- сардорони шӯъбаҳо ва намояндагиҳои Марказро дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар тибқи тартиби муқарраргардида ба вазифа таъин ва аз кор озод кунад;
- ба шахсони масъули Марказ барои ба ҷо овардани амалиётҳои молиявию хочагӣ, ӯҳдадориҳои шартномавии Марказ ваколатномаҳо диҳад;
-дар доираи салоҳияти худ санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар намуди фармоиш содир менамояд.

30. Директор се муовин дорад, ки онҳо дар асоси пешниҳоди директор бо фармоиши Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бавазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд.

31. Фаъолияти муовинони директор, сардорони раёсату шӯъбаҳои зертобеъи Марказро дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои кишвар, тартибиба вазифа таъин ва аз вазифа озод шудан ва фаъолияти роҳбарони воҳидҳои сохтории Марказ ва дигар кормандони Марказ дар асоси Низомномаи Марказ ва Дастурамали вазифавӣ, ки аз тарафи директори Марказ тасдиқ мегарданд, ба роҳ монда мешаванд.

## 5. СОХТОРИ МАРКАЗ ВА «ШӮРОИ ИЛМИЮ МЕТОДИИ ТИББИ ОИЛАВӢ

32. Сохтори Марказ иборатаст аз:
- Маъмурият;
- Шӯъбаи таълимӣ;
- Шӯъбаи ташкилию методӣ;
- Амбулаторияи тибби оилавӣ;
- Шӯъбаи бизнеснақшагирӣ ва таҳлили рушди тибби оилавӣ;
- Кормандони хоҷагӣ;
- Шӯъбаҳои таълимии байниноҳиявӣ дар шаҳрҳои Турсунзода ва Ваҳдат, нохияҳои Шаҳринав, Рашт ва Рӯдакӣ.

Марказ метавонад дар худуди Ҷумҳурии Тоҷикистон филиал ва намояндагиҳои худро дошта бошад.Сохтори Марказ ва басти воҳидҳои корӣ аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

33. Барои ҳамоҳанг сохтан ва самаранок амалӣ намудани сиёсати давлатӣ оид ба тибби оилавӣ дар тамоми қаламрави кишвар «Шӯрои илмию методии тибби оилавӣ» таъсис дода мешавад. Низомнома ва ҳайати «Шӯрои илмию методии тибби оилавӣ» аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди директори Марказ тасдиқ карда мешаванд».

## 6. АМВОЛ ВА САРЧАШМАҲОИ МАБЛАҒГУЗОРИИ МАРКАЗ

34. Амволи дастгоҳи марказии Марказро маблағҳои асосие, ки аз тарафи Вазорат барои идоракунии фаврӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, инчунин дигар маблагхое. ки аз ҳисоби шахсони хуқуқӣ ва воқеӣ ворид шудаанд, ташкилмедихад.

35. Сарчашмаҳои маблағгузории Марказ инҳо мебошанд:

- маблағҳои пулӣ ва амволи Вазорат дар шакли маблағгузории буҷетӣ;
- маблағҳое, ки аз ҳисоби хизматрасониҳои музднок ба даст омадаанд;
- бурсияҳои ташкилотҳои байналхалкӣ, аз ҷумла барои амалӣ намуданимуқаррароти фаъолиятиоинномавӣ;
-маблағгузориҳои инфиродии эҳсонкорӣ.

36. Даромадҳое, ки дар натиҷаи ташкил ва анҷом додани хизматрасонии музднок ба аҳолӣ ба даст оварда мешаванд, ба суратҳисоби махсуси Марказ ворид карда шуда, бо харҷномаи алоҳида ҳисобу китоб кардамешаванд ва аз тарафи Марказ барои рушди иқтидори Марказ ва намояндагиҳои он истифода бурда мешаванд.

37. Марказ мустақилона ба мақомоти давлатӣ, андоз ва молиявӣ ҳисобот медиҳад.

38. Марказ ҳамаи амалиётҳои хазинавиро мувофиқи қоидахои муқарраргардида анҷом медиҳад.

## 7. БАҲИСОБГИРӢ ВА НАЗОРАТ

39. Марказ дар назди Вазорат ҳисоботдиҳанда мебошад.

40. Марказ баҳисобгирии фаврӣ ва муҳосибавии фаъолияти худро амалӣ месозад, ҳисоботи оморӣ ва муҳосибавиро дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонад.

41. Ҷамъбасти фаъолияти хоҷагидории Марказ дар ҳисоботи солона ва мувозина, ки аз ҷониби Вазорат тасдиқ карда мешавад, инъикос меёбад.

42. Назорат аз болои фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории Марказ аз ҷониби комиссияи тафтишотӣ ё аудит, ки аз тарафи Вазорат таъин карда мешаванд, ба роҳ монда мешавад.

43. Аъзоёни комиссияи тафтишотӣ (аудитор) ҳуқуқ доранд аз шахсони вазифадор ва ҳайати кормандони Марказ пешниҳоди тамоми ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва баёнотҳои шахсиро талаб намоянд.

44. Комиссияи тафтишотӣ (аудитор) натиҷаҳои санҷишро ба Вазорат манзур менамояд.

45. Комиссияи тафтишоти (аудитор) аз рӯи ҳисобот ва мувозинаи солона хулоса тартиб медиҳад, ки дар асоси он Вазорат ҳисоботи молиявии солонаи Марказро тасдиқ мекунад.

46. Марказ бо мақсади таъмини пурраи нигоҳдорӣ, ҳамасола ба рӯйхатгирии (инвентаризатсия) амволи арзишнок ва воситаҳои асосиро мегузаронад.

## 8. ҚАБУЛ НАМУДАН ВА ТАСДИҚ КАРДАНИ ОИНОМАИ МАРКАЗ

47. Оиномаи марказ ва тағйироту иловаҳои ба он воридшуда аз тарафи Вазорат тасдиқ карда мешавад.

## 9. ҚАТЪ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ МАРКАЗ

48. Қатъ намудани фаъолияти Марказ дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ ё барқароркунии он сурат мегирад.

49. Азнавташкилдиҳии Марказ тибқи муққарароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад. Ҳангоми азнавташкилдиҳӣ Марказ ҳамаи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои он ба ворисии ҳуқуқиаш мегузарад.

50. Барҳамдиҳии Марказ дар ҳолатҳо ва тартибе, ки Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ба амал бароварда мешавад.

51. Амволе, ки баъд аз қонеъ гардонидани талаботи қарздиҳандагон боқӣ мемонад, ба Вазорат мегузарад.